**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел.: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 149/1с

аз «15» 03 соли 2022

Бонки миллии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №176 "Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ" ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор лоиҳаи зикргардида ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бори аввал пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ шудааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа, ки аз ҷониби таҳиякунанда пешниҳод шудааст, Маркази миллии қонунгузорӣ хулосаи зеринро пешниҳод менамояд.

Тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон (таҳиякунанда) риоя гардидааст.

Дар бандҳои 3 ва 12 лоиҳа доир ба андозаи ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ барои бонкҳои навтаъсис ва меъёри нави кифоятии сармояи асосӣ барои ташкилотҳои қарзӣ муқаррароти ҷорикунандаи ӯҳдадориҳои барзиёд, пешбинӣ шудааст.

Дар лоиҳа барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон масрафҳои беасос мушоҳида намегардад.

Лоиҳа барои ҳалли танзими масъалаҳои тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ меъёрҳои дахлдорро пешбинӣ менамояд.

Бо эҳтиром,
Директор — Саидзода И.Ҳ.